Аз 25.11.2022, №20283/11.1

Ба мақомоти ҳудудии андоз
ва андозсупорандагон

*Оид ба истифодаи дурусти*
*муқаррароти моддаҳои 38 ва 39*
*Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Пеш аз ҳама бояд ба инобат гирифт, ки муқаррароти моддаҳои 38 ва 39 Кодекси андоз бевосита ба танзими канорагирӣ аз андозбандӣ ва пешгирии саркашӣ аз пардохти андоз мутобиқ ба боби 6 Кодекси андоз, ҷиҳати муқовимат бар зидди суиистифода аз манфиатҳои андозӣ, ки бо истифода аз нақшаҳо (схемаҳо), шартномаҳои ҳуқуқӣ ва қарордодҳо барои рӯйпуш намудани амалиётҳои воқеи истифода мешаванд, аз ҷумла барои баланд бардоштани масъулияти андозсупорандагон ҳангоми интихоб намудани контрагентҳо, нигаронида шудаанд.

Дар ин ҷо «амалҳои канорагирӣ аз андозбандӣ» маънои созиш, аҳд, ваъда, уҳдадорӣ, амалиёт ё амали воқеан анҷомёфта ё банақшагирифташудаи (аз ҷумла амали яктарафа) бо (бе) тартиби маҷбурӣ ё ихтиёрӣ иҷрошавандаро дорад, яъне амалҳое мебошанд, ки саркашӣ аз пардохти андоз дониста намешаванд, вале ба андозсупоранда имконият медиҳанд, бо суистифода аз қонунгузории андоз ҳаҷми уҳдадории андозии худро кам намояд. Мафҳуми «манфиати андозӣ» маънои кам намудани уҳдадории андозсупоранда оид ба пардохти андоз, ба таъхир гузоштани муҳлати иҷрои уҳдадории андозсупоранда оид ба пардохти андоз ва ё ҳама гуна канорагирии дигар оид ба иҷрои уҳдадории андозиро ифода менамояд.

Моҳияти моддаҳои мазкури Кодекси андоз аз он иборат аст, ки амалҳои мушаххаси андозсупоранда, ки дар натиҷаи суиистифода намудан аз ҳуқуқҳояш анҷом додааст, пешгирӣ карда шуда, шартҳое, ки андозсупоранда дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ барои ба ҳисоб гирифтани хароҷотҳои тарҳшаванда ва анҷом додани баҳисобгирии андоз

аз арзиши иловашуда вобаста ба амалиёти анҷомдодашуда муайян кардааст, риоя намояд.

Муқаррароти моддаҳои 38-39 Кодекси андоз ҳангоми амалӣ намудани назорати камералии ҳисоботҳои муҳосибӣ ва эъломияҳои (ҳисоботҳои) андозии ба мақомоти андоз пешниҳодмудаи андозсупоранда, инчунин ҳангоми санҷишҳои сайёри андоз вобаста ба амалиётҳое, ки андозсупоранда ҳангоми анҷом додани онҳо аз манфиатҳои андозӣ бе асос истифода намудааст, татбиқ карда мешаванд.

Дар чунин ҳолатҳо дар маълумотномаҳои назорати камералӣ ва санадҳои санҷиши сайёр ба ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории андоз, ки бо истифода аз мукаррароти моддаҳои 38-39 Кодекси андоз муайян шудаанд, бояд дуруст баҳо дода шуда, асосҳои мушаххаскунанда қайд карда шаванд.

Муқаррароти моддаҳои 38-39 Кодекси андоз дар ҳолатҳои аз ҷониби андозсупоранда дар бораи амалиётҳои хоҷагидорӣ (дар баҳисобгирии андозӣ ва (ё) муҳосибӣ ё эъломияҳои (ҳисоботи) андозии андозсупоранда бо мақсади кам кардани манбаи андоздозбандӣ ва (ё) маблағи андоз, истифодаи нодурусти меъёри андоз, объектҳои андозбандӣ, имтиёзи андоз, низоми андоз, мақоми андозсупоранда, инчунин амали қасдонаи агенти андоз оид ба нигоҳ доштани (нопурра нигоҳ доштани) маблағи андоз) пешниҳод карда шудани маълумоти таҳрифшуда, татбиқ карда мешаванд.

Намунаҳои чунин амалҳое, ки боиси беасос гирифтани манфиатҳои андозӣ мегарданд, инҳо мебошанд: тақсим намудани фаъолияти соҳибкорӣ ба якчанд субъектҳои соҳибкории хурд бо суиистифодаи ғайриқонунии низомҳои махсус ё имтиёзноки андозбандӣ; истифодаи нақшаҳо барои ба таври сунъӣ фароҳам овардани шароит ҷиҳати истифодаи меъёрҳои пасти андоз, имтиёзҳои андоз, озодкунӣ аз андозбандӣ; истифодаи нақшаҳо барои татбиқи ғайриқонунии меъёрҳои созишномаҳои байналмилалӣ оид ба пешгирии андозбандии дукарата; ғайривоқеӣ будани иҷрои амалиёт аз ҷониби тарафҳо (надоштани далели анҷоми он); мунтазам ҷой доштани маблағи изофапардохти андоз аз арзиши иловашуда ва ё дар тамоми марҳилаи истеҳсоли мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ пардохт нагардидани андоз аз арзиши иловашуда ё фоизи пастро ташкил додани маблағи пардохти он; тартиб додани ҳуҷҷатҳо бе анҷом додани амалиёт; моҳияти иқтисодӣ надоштани амалиёти анҷомдодашуда ва ба инҳо монанд.

Мақомоти андоз дар маълумотнома оид ба назорати камералӣ ва ё санад аз рӯи натиҷаи санҷиши сайёри андоз бояд ҳолатҳоеро нишон диҳанд, ки аз ҷониби андозсупоранда (шахсони мансабдори ӯ) ҷиҳати ба таври сунъӣ фароҳам овардани шароит барои истифодаи ғайриқонунии манфиатҳои андозӣ ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, ба унсурҳои андоз, мӯҳлат ва тартиби анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи амалиётҳо таъсир расонидаанд.

Ҳамзамон, муайян намудани мақсади андозсупоранда бояд танҳо бо нишон додани номгӯи оддии ҳамаи амалиётҳои андозбандӣ ва таҳлили натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, ки дар натиҷаи онҳо андозсупоранда манфиати андозӣ гирифтааст, маҳдуд карда нашавад. Зарур аст, ки кирдори мушаххаси андозсупоранда (шахсони мансабдори он), ки боиси содир намудани ҳуқуқвайронкунии андозӣ гардидааст, нишон дода шуда, далелҳое пешниҳод карда шаванд, ки пинҳон намудани андоз ва расонидани зарар ба буҷетро нишон медиҳанд.

Ҳангоми муомилоти андозсупоранда бо шахсони расман мустақил, дар як қатор ҳолатҳо бо мақсади гирифтани манфиати андозӣ, амалҳои ғайриқонунӣ дида мешаванд, ки аз мавҷудияти онҳо ҳолатҳои зерин шаҳодат медиҳанд:

- амали мувофиқашудаи иштирокчиёни фаъолияти хоҷагидорӣ;
- гардиши ба мақсади муайян равонашудаи пул ва молҳо;
- содир намудани як қатор амалҳои ғайримуқаррарӣ, ки ҳадафи онҳо ба вуҷуд овардани шароит ва имконияти инъикос намудани маълумоти бардурӯғ дар амалиётҳои хоҷагидорӣ, объектҳои андозбандӣ, ки бояд дар ҳисоботи андоз ва (ё) баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос карда шаванд, мебошад;
- эъломияи (ҳисоботи) таҳрифшуда ва ё тахфифшудаи андоз;
- гардиши ҳуҷҷатҳои қалбакӣ.

Дар ин ҳолатҳо, ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои назоратии андоз бо мақсади рафъи оқибатҳои қонунвайронкуниҳои андозӣ ва пурра таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, тибқи муқаррароти моддаи 38 Кодекси андоз ҳолатҳои воқеии амалиётҳои анҷомдода шуда муайян карда шуда, уҳдадориҳои андозии андозсупоранда аз нав ҳисоб карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, мақомоти андоз бо мақсади татбиқи моддаи 38 Кодекси андоз бояд маҷмӯи ҳолатҳои зеринро исбот кунанд: дар чӣ ифода ёфтани хусусияти таҳриф (тағйиротҳои нодурусти воридгардида); мақсад аз амали анҷомдодаи андозсупоранда ва маълумоти тахфифшуда (тағйирдодашуда); сабаби амали андозсупоранда (шахсони мансабдори он), вобаста ба дидаю дониста дар амалиётҳои хоҷагидорӣ, объектҳои андозбандӣ баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ, эъломияҳои андоз, пешниҳод намудани маълумоти тахфифшуда.

Андозсупоранда метавонад вобаста ба амалиётҳои хоҷагидорӣ аз манфиатҳои андозӣ мутобиқ ба муқаррароти қисми махсуси Кодекси андоз бархурдор шавад, агар се шарти зерин риоя гарданд:

- мақсади асосии анҷом додани амалиёти мазкур ин пинҳонкунии (пурра пардохт накардани) маблағи андоз ва ё баҳисобгирии (баргардонидани) маблағи андоз аз арзиши иловашуда намебошад;
- уҳдадорӣ аз рӯи амалиёт аз ҷониби шахси дар шартнома нишон дода шуда ва ё шахсе анҷом дода шудааст, ки тибқи муқаррароти шартнома ё қонунгузорӣ уҳдадории иҷро намудан ба зиммааш вогузор гардидааст;

- амалиёт тибқи тартиби муқарраршуда бо ҳуҷҷатҳои асоснок ба расмият дароварда шуда, маҳал ва иштирокчиёни амалиёти анҷомдодашуда (шахс, масъули шахси ҳуқуқӣ) дар ҳуҷҷатҳо мушаххас муайян шудаанд.

Дар ҳолати риоя нагардидани шартҳои дар боло овардашуда мақомоти андоз метавонад, мутобиқ ба муқаррароти моддаи 38 Кодекси андоз шартномаҳои ҳуқуқӣ ва амалиётҳоеро, ки барои рӯйпӯш намудани амалиётҳои воқеӣ ва тағйирдиҳии тартиби ситонидани андоз истифода шудаанд, ба эътибор нагирифта, бештар ба ният ва ҳадафи воқеии тарафҳои шартнома афзалият дода, татбиқи манфиатҳои андозиро дар қисмати баҳисобгирии даромаду хароҷот ва баҳисобгирии (баргардонидани) маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз бозбинӣ намояд.

Дар ин ҳолат мақомоти андоз тибқи муқаррароти қонунгузории андоз уҳдадории андозии чунин андозсупорандагонро аз нав ҳисоб намуда, пардохти саривақтии онҳоро талаб менамояд, зеро мақсади андозсупоранда аз анҷом додани чунин амалиётҳо (транзаксияҳо) пинҳонкунии (пурра пардохт накардани) андоз ва ё баҳисобгирии (баргардонидани) беасоси маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, зиёд намудани хароҷотҳои тарҳшаванда ҳангоми муайян намудани андоз аз даромад, дар ҳисоботҳои андозӣ ва муҳосибӣ ворид намудани тагйиротҳои беасос, ки боиси кам гардидани уҳдадориҳои андозӣ мегарданд (ба монанди тағйиротҳо дар тавозуни муҳосибӣ ва замимаҳои он, аз ҷумла бақияи молу маҳсулот, даромад ва зарар, фоидаи соф ва дигар ҳолатҳое, ки ба кам ва ё зиёд гардидани дороиҳо ва уҳдадориҳои андозӣ меоварад), мебошад.

Мисоли чунин муомилот амалҳое ба ҳисоб мераванд, ки маъмулан барои мақсадҳои фаъолияти соҳибкорӣ хос намебошанд (аз ҷумла, харидани ширкати бо зарари калон фаъолияткунанда, ки дороиҳо надорад ва ба ин монанд), аз нуқтаи назари иқтисодӣ асоснок намебошанд, аз рӯи хавфи баланди таваккали соҳибкорӣ бояд анҷом дода нашаванд, бар хилофи манфиати худ ба манфиати шахси дигар бо мақсадҳои ғаразнок анҷом дода шудаанд.

*I. Афзалияти мазмун нисбат ба шакл ҳангоми истифодаи шартномаҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати барасмиятдарории амалиётҳо*

Дар ҳолати аз ҷониби андозсупорандагон ҳангоми бастани шартномаҳо ва барасмиятдарории амалиётҳо нақшаҳои гуногун бо мақсади рӯйпӯш намудани амалиётҳои воқеӣ ва тағйирдиҳии тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо истифода карда мешаванд, мақомоти андоз метавонад, мутобиқи муқаррароти моддаи 38 Кодекси андоз чунин нақшаҳоро ба эътибор нагирифта ба тарафҳои иқтисодии шартнома, мақсад ва ниятҳои он афзалият дода, нисбат ба ин амалиёт таҷдиди андозӣ (реконструксияи андозӣ) гузаронида, ҳолати воқеии муомилоти

тиҷоратиро барқарор намуда, аз руи моҳияти иқтисодии амалиёт андозҳоро бозҳисобӣ намояд.

Мисол: Шахси “А” ҳангоми воридоти мол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пинҳон (кам) намудани уҳдадории андозии худ нақшаи ғайриқонуниро бо ёрии ширкатҳои бо ном “якрӯза” истифода менамояд. Шахси «А» дар асоси шартнома аз хориҷи кишвар молу маҳсулотро харидорӣ намудааст, аммо ин молу маҳсулот тавассути якчанд ширкатҳои бо ном “якрӯза” ба расмиёти гумрукӣ дароварда шуда, аз номи он ба Ширкати “Б” фурӯхта мешавад ва ё тақдири минбаъдаи чунин молҳо номуайян мемонад. Новобаста ба он, ки ин ҳама амалиётҳо аз ҷониби Шахси «А» амалӣ шуда бошанд ҳам, аммо дар ягон ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, гумрукӣ ва андозӣ номи Шахси «А» қайд нагардида уҳдадории андозӣ иҷро нашудааст. Яъне дар ин ҳолат амалиётҳои аз ҷониби Шахси “А” анҷом дода, ки аз андозбандӣ дар канор мондаанд, аз ҷониби мақомоти андоз ҳамчун амалиётҳои андозбандишаванда нисбати ҳамин шахси “А” эътироф карда шуда уҳдадориҳои андозӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз нисбат ба ҳамин  шахс аз нав бозҳисоб карда шуда, пардохти онҳо талаб карда мешавад. Нисбати ширкатҳои бо ном “як рӯза”, ки амалиётҳо бо номи онҳо сохтакорона ҳуҷҷатгузорӣ шудааст, уҳдадории андозҳо дар доираи даромадҳои дар асл гирифтаи онҳо, мутобиқ ба талаботи қонунгузории андозӣ ҳисоб карда мешавад.

Бо ошкор намудани чунин ҳолат мақомоти андоз вазифадор мешавад, ки ӯҳдадориҳои андозиро дар асоси муносибатҳои ҳуқуқии воқеӣ муайян намуда, нисбат ба амалиёт бо назардошти моҳияти иқтисодии  он таҷдиди андозӣ  намуда, уҳдадории андозиро дар асоси он, ки Ширкати “А” молро бевосита ба Ширкати “В” бе назардошти ширкатҳои якрӯза фурӯхта бошад, муайян менамояд.

Ҳангоми муайян намудани ҳолатҳое, ки мақсади асосии андозсупоранда на ба даст овардани натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ, балки дастрасӣ ба манфиати андозӣ мебошад, мақомоти андоз бояд элементҳои муайянкунандаи онро ошкор намоянд, аз ҷумла, аз нуқтаи назари иктисодӣ анҷом додани чунин амалиёти хоҷагидорӣ ягон тавзеҳи асоснок надошта, он танҳо барои кам кардани уҳдадориҳои андозӣ пешбинӣ шудааст ва (ё) як қисми нақшае ба ҳисоб меравад, ки мақсади асосии он пинҳонкунии андоз ё пурра иҷро накардани уҳдадориҳои андозӣ мебошад.

Ҳангоми анҷом додани назорати андозӣ шахси масъули мақомоти андоз, ки назорати андозиро амалӣ менамояд, бояд мустақилона аз механизмҳои зерин самаранок истифода намояд:

- гирифтани тавзеҳот бевосита аз шахсоне, ки дар бораи ҳолатҳои бастан, анҷом додани аҳд (амалиёт) маълумот доранд;
- пешбурди пурраи талаботи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ тибқи қонунгузории баҳисобгирии муҳосибӣ;

- тартиби интиқоли маблағ барои воридоти молу маҳсулот аз хориҷӣ кишвар ва ё тартиби ҳисоббаробаркуниҳо;

- бо роҳи пайгирӣ муайян намудани самти воқеии ҳаракати молҳои воридотӣ ва дурустии тартиби баҳисобгирии нуқтаи таъиноти мол;

- бо истифода аз воситаҳои техникӣ анҷом додани азназаргузаронии ҳудудҳо, биноҳо, ҳуҷҷатҳо, объектҳо;

- муқоисаи ҳаҷми моли додашуда бо андозаи анборҳои (ҳудудҳо), маҳалли ҷойгиршавии он;

- интиқоли мол тавассути воситаи нақлиёт;

- инвентаризатсияи амвол;

- таҳлил ва аз нав сохтани тавозуни пурраи корхона (тавозуни молӣ, ҳисобдории анборӣ ва ба инҳо монанд);

- талаб намудани ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо) ва дар ҳолати зарурӣ тибқи тартиби муқарраршуда мусодираи ҳуҷҷатҳо (ашёҳо), гузаронидани экспертизаҳо ва ғайра.

Далелу асосҳое, ки бевосита аз ҷониби худи андозсупоранда иҷро шудани корҳо ва хизматрасониҳоро муайян мекунанд, инҳо шуда метавонанд: гузаронидани суҳбат бо шахсони дар истеҳсолот иштироккунанда ҷиҳати гирифтани маълумот дар хусуси истифодаи ашё ва маҳсулот, инчунин корҳо ва хизматрасониҳои иҷрошуда; талаб намудани ҳуҷҷатҳо (маълумотҳо) аз фармоишгар ва пурсиш намудани шахсони мансабдор ва анҷомдиҳандаи назорати техникии онҳо; муайян намудани дигар пудратчиёне, ки ба андозсупоранда корҳо, хизматрасониҳои шабеҳро иҷро мекунанд, бо татбиқи минбаъдаи чораҳои назоратӣ нисбат ба онҳо; таҳқиқи журналҳои бақайдгирии амалиёт, роҳхатҳо ва санадҳои объектҳои муҳофизатшаванда.

Ҳангоми гирифтани тавзеҳот ва гузаронидани пурсиши шахсони мансабдор ва дигар шахсони масъул бояд ваколатҳо, вазифаҳои функсионалӣ ва хизматии онҳо муайян карда шаванд, инчунин мушаххас карда шавад, ки масъалаҳои вобаста ба ҳолатҳои бастан, дастгирии аҳд ва иҷрои тамоми шартҳои дар аҳд ва амалиёт ҷойдошта аз ҷониби шахсони мансабдор мавриди омӯзиш, таҳлил ва тафтиш қарор додашудааст ё не. Агар ҳангоми гирифтани маълумот, ошкор гардад, ки онҳо ба нишондодҳои шоҳидон ё далелҳои ҷамъшуда мухолифат доранд, аз андозсупоранда ва шахсони масъул оид ба ҳолатҳои муқарраргардида такроран баёнот гирифта шуда, далелҳои асоснок талаб карда мешавад.

Ошкор шудани ҳолатҳои зерин аз он шаҳодат медиҳад, ки гардиши расмии ҳуҷҷатҳо, бо мақсади ғайриқонунӣ ба хароҷот бурдан ва ё баҳисобгирии (баргардонидани) андозҳо, инчунин пинҳонкунии андозҳо анҷом дода шудааст: нақдӣ гардонии воситаҳои пулӣ аз ҷониби андозсупоранда ва ё тавасути шахси бо он алоқаманд; барои эҳтиёҷоти андозсупоранда, муассисони андозсупоранда, шахсони мансабдори он истифода шудани маблағҳои мазкур; ошкор намудани муҳр, ҳуҷҷатҳои

контрагентҳо дар ҳудуди бинои (маҳалли идоракунии) андозсупоранда; маълумотҳои аз суроғаҳои IP гирифташуда ва ғайра.

Дар доираи омӯзиши гардиши маблағҳои пулӣ мақомоти андоз бояд ба он диққат диҳад, ки интиқоли маблағҳои дар муомилот бо контрагенти "мушкилотдошта" анҷом дода шуда, бо мақсади ба андозсупоранда ва ё ба шахси бо он алоқаманд (назоратшаванда) дар шакли пули нақд, ғайринақдӣ, дар шакли коғазҳои қиматнок ва ё молу мулк пурра ё қисман баргардонидани онҳо амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми гузаронидани пурсиш аз шахсоне, ки ба сифати имзокунандагони ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ муайян шудаанд, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад барои санҷиши минбаъдаи ҳусни хат намунаҳои ҳусни хати чунин шахсро гирифта, дар оянда барои исботи сохтакории ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда ҳамчун далел истифода намояд.

*II. Арзёбии ҳолатҳое, ки интихоби контрагентро дар муносибатҳои андозӣ тавсиф мекунанд*

Муқаррароти моддаи 39 Кодекси андоз дар ҳолате татбиқ карда мешаванд, ки андозсупоранда қасдан, бо роҳи истифодаи ҳуҷҷатҳои расмӣ бо иштироки ширкатҳои бо ном "якрӯза" бо мақсади саркашӣ аз андоз амалиёт анҷом дода бошад ва андозсупоранда дар бораи ҳолатҳое, ки контрагентро ҳамчун бо ном "якрӯза" бораи гирифтани манфиати андозӣ аз ҷониби шахси дигар истифода менамояд, огаҳ бошад.

Қоидаи мазкур бар зидди истифода аз анҷом додани гардиши қалбакии ҳуҷҷатгузорӣ бо иштироки ширкатҳое, ки фаъолияти воқеии хоҷагидориро анҷом намедиҳанд ва уҳдадориҳои андозро дар робита бо муомилоти аз номи онҳо анҷомдодашуда иҷро накарда, фақат дар муомилоти расмии ҳуҷҷатгузорӣ иштирок менамоянд (дар асл иҷрокунандаи ин амалиёт шахси дигар мебошад), равона карда шудааст. Чунин ширкатҳои бо ном "якрӯза"  ба манфиати худ ва бо таваккали худ амал накарда, дороиҳои зарурӣ надоранд, амалиётҳои хоҷагидориро иҷро намекунанд, функсияи онҳо ғайриқонунӣ анҷом додани муомилоти расмии ҳуҷҷатгузорӣ ҷиҳати ба вуҷуд овардани шароит ба ҷониби дигар барои ба даст овардани манфиати андозӣ, мебошад.

Мисол: Ширкати "А" молро аз бозор ва ё аз ягон ширкат мехарад ва фурӯшанда бо мақсади пинҳон (кам) намудани уҳдадории андозии худ таҳвили молро ҳуҷҷатгузорӣ наменамояд. Дар ин ҳолат Ширкати "А" нақшаи ғайриқонуниро истифода намуда, ҳуҷҷатҳои қалбакиро (шартнома, борхат, ҳисобнома-фактураи ААИ ва дигар ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ) тавассути Ширкати «В» барасмият медарорад. Дар ин ҳолат Ширкати "В" ҳамчун ширкатҳои бо ном "якрӯза" дониста шуда, амалиётҳои аз ҷониби он анҷомдода, бинобар сабаби беанҷом додани амалиёт ҳуҷҷатҳоро сохтанаш, мавриди бозбинӣ қарор дода мешавад. Зеро, новобаста ба он, ки амалиётҳои фурӯш аз ҷониби Ширкати «В» ҳуҷҷатгузорӣ шуда бошанд ҳам, дар асл ин амалиёт аз ҷониби дигар субъект анҷом дода шудааст.

Айнан ҳамин тавр, ҳолатҳое ҷой доранд, ки бо мақсади сунъӣ, ғайриқонунӣ зиёд нишон додани хароҷотҳои тарҳшаванда ва баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, амалиётҳои воқеан анҷомдоданашуда бо ҷалби ширкатҳои бо ном “якрӯза” ҳуҷҷатгузорӣ карда мешаванд, яъне гуё, ки ин амалиётҳо дар асл анҷом дода шуда бошанд.

Мақомоти андоз бо мақсади арзёбии хавфҳои андоз, ки метавонанд дар муносибатҳо бо контрагентҳои муайян ҷой дошта бошанд, андозсупорандагонро огоҳ намуда, тавсия медиҳад, ки ҳангоми интихоби контрагентҳо аломатҳои муайяни зеринро ба инобат гирифта, ҳангоми бастани шартнома ҳаддалимкон эҳтиёткор бошанд:

- дар сомонаи Кумитаи андоз мавҷуд набудани маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии контрагент дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ;

- контрагент дар суроғаи «оммавӣ» ба қайд гирифта шудааст ва дар ин суроға пайдо намудани он мушкил ва дар аксари ҳолатҳо ғайриимкон мебошад;

- контрагент барои амалӣ намудани таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо ҳуқуқу ваколати қонуниро дошта бошад, аз ҷумла иҷозат, иҷозатнома;

- дар анбор дороиҳои зарурӣ аз қабили моли дархостшуда, таҷҳизоту технологияҳо, нақлиёту механизмҳо ва ғайраҳовоқеан мавҷуд буда, бо ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ба расмият дароварда шуда, дар ҳисоботи тавозунии муҳосибӣ ва эъломияҳои андозӣ иникос гардидаанд;

- набудани маълумот дар бораи маҳалли ҷойгиршавии воқеии контрагент, аз ҷумла бинои маъмурӣ, истеҳсолӣ, анбор ва (ё) нуқтаи савдои он ва ғайра.

Мавҷудияти ҳолатҳои мазкур аз ширкатҳои бо ном “якрӯза” будани контрагент гувоҳӣ медиҳад ва мақомоти андоз ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти контрагент мавҷудияти ҳолатҳои мазкурро дар маълумотнома қайд менамоянд. Мавҷудияти ҳолатҳои мазкур инчунин, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки андозсупоранда аз ширкатҳои бо ном “якрӯза” будани контрагент огоҳ мебошад.

Дар моддаи 39 Кодекси андоз мушаххас пешбинӣ шудааст, ки андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ ҳангоми интихоби контрагентҳо масъул мебошанд. Агар андозсупоранда ҳолатҳои зеринро риоя намуда бошад, пас чунин андозсупоранда метавонад андозсупорандае эътироф карда шавад, ки ҳангоми бастани шартнома эҳтиёткории зарурӣ зоҳир намудааст:

1) андозсупоранда дар бораи ҷойгиршавии воқеии контрагент, инчунин маҳалли ҷойгиршавии истеҳсолот, анбори нигоҳдорӣ, нуқтаи савдои чакана ё дигар минтақаҳои барои пешбурди соҳибкорӣ зарурӣ, маълумот дошта бошад ва асоснокии онҳо пешниҳод шаванд;

2) мавҷудияти ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи имконияти аз ҷониби контрагент амалан иҷро намудани шартҳои шартнома: контрагент дорои иқтидорҳои истеҳсолӣ, кадрҳои тахассусӣ, амвол, иҷозатномаҳои зарурӣ ва ғайра мебошад;

3) мутахассиси соҳаи дахлдор будани шахсони мансабдор ва масъули андозсупоранда ҳангоми интихоби контрагент, бастани аҳд ва иҷрои он;

4) ҳангоми муҳокимаи шартҳо ва имзои шартнома ҳамкорӣ бо роҳбар, шахсони мансабдор, кормандони масъул ё шахсони дигаре, ки аз номи контрагент ваколатдор мебошанд, инчунин, мавҷудияти ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ваколати ин шахсон;

5) аз ҷониби андозсупоранда нисбат ба контрагент маълумоти зарурӣ ҷамъоварӣ карда шуда бошад, аз ҷумла аз сомонаи расмии Кумитаи андоз ва дигар сомонаҳои дахлдор ва нисбат ба контрагент корҳои таҳлилӣ гузаронида шудааст;

6) дар сомонаҳои иттилоотӣ (доменҳо) мавҷуд будани маълумот дар бораи контрагент, ки аз фаъолияти воқеии иқтисодии он шаҳодат медиҳад;

7) усули гирифтани маълумот дар бораи контрагент (масалан, мавҷудияти таблиғ дар воситаи ахбори омма, вебсайт, тавсияҳои шарикон ё шахсони дигар);

8) ҳангоми бастани шартнома риояи расмиёти созиш (тасдиқ), ки қонун ё ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муайян намудааст, аз ҷумла, нисбат ба шартномаи бо маблағҳои калон басташуда, нишон додани фоизҳо (ҷаримаҳо) ва дигар шартҳои муомилот дар шартнома;

9) риояи тартиби мувофиқакунии шартнома, ки қоидаҳои дохилии андозсупоранда муқаррар намудааст. Баръакс, бе гузаронидани музоядаҳои оммавӣ ё бо вайрон кардани он бастани шартнома, агар ин тартиб тибқи қонун ё таҷрибаи муқаррарнамудаи андозсупоранда ҳатмӣ бошад. Мавҷуд набудани маҷмӯи пурраи ҳуҷҷатҳо дар тендер ё дар онҳо нишон додани маълумоти бардурӯғ, ки ҳангоми омодасозии музояда бояд тафтиш карда мешуд;

10) аз ҷониби андозсупоранда анҷом надодани амалҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои вайроншуда; андешидани чораҳо оид ба боздоштани иҷрои уҳдадории худ ё ариза дар бораи рад кардани иҷрои ин уҳдадорӣ дар сурати аз ҷониби контрагент иҷро накардани уҳдадорӣ.

Илова бар ин ошкор гардидани ҳолатҳои зерин, ки ба шартҳои амалиёт ва ҳуҷҷатгузории андозсупоранда алоқамандӣ дорад, бемасъулиятии андозсупоранда ва аз ҷониби ӯ беасос гирифтани манфиатҳои андозиро нишон медиҳад:

- анҷом додани амалиёт бар хилофи стратегияи тиҷоратии андозсупоранда (шартномаҳои ғайристандартӣ, мавҷудияти хавфҳои калон, пардохтнопазирӣ ва ғайра);

- дар шартномаҳо мавҷуд будани шартҳое, ки аз қоидаҳои мавҷудаи муомилоти тиҷоратӣ ё аз шартҳои дигар шартномаҳои ба ин монанд бастаи андозсупоранда фарқ мекунанд (масалан, шартҳои ба таъхир

андохтани пардохти арзиши ҳаҷми калони молу махсулот бидуни таъмини иҷроиш, ба даст овардани мол (кор, хизматрасонӣ) бо нархи аз сатҳи нархи бозор хеле паст ё баланд, дар бораи ҷавобгарӣ дар шартнома, ки маблағи он бо оқибатҳои вайронкунии эҳтимолӣ муқоисанашаванда мебошад ва ғ.);

- мавҷуд будани ихтилофот дар маълумот ва нопурра нишон додани реквизитҳои зарурӣ дар шартномаҳо ва ҳуҷҷатхое, ки иҷрои амалиётро ба расмият медароранд, инчунин ҳуҷҷатҳо хилофи мантиқи фаъолияти соҳибкорӣ ба имзо расонида шудааст;

- набудани ҳуҷҷатҳои андозсупорандагон, ки бояд вобаста ба хусусияти амалиёт, иҷроиш ва назорат тартиб дода мешуданд (масалан, тибқи шартномаи санади иҷроиши кор, гардиши масолеҳи сохтмонӣ, ҳисоби музди меҳнат вобаста ба иҷрои кор, маълумот дар бораи ба пудратчӣ додани қитъаи сохтмон мавҷуд нест);

- набудани пардохт, пардохт дар шакли ҳисоббаробаркунӣ бо андозсупоранда, пардохт тариқи маблағҳои нақдӣ, тавассути суратҳисоби бонкӣ анҷом додани якчанд амалиёт, ки дар интиҳо маблағҳо бо истифода аз ширкатҳои миёнарав бозпас гирифта мешаванд, қабули ҳуқуқи даъво нисбат ба шахси сеюм, ки қобилияти пардохтпазирии он барои иҷрои пурраи ин талабот имконнопазир мебошад.

Андозсупорандагон бо мақсади интихоби контрагентҳо, илова ба маълумотҳои ҷамъоварда метавонад аз маълумотҳои хусусияти махфӣ надоштани субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда мешаванд, истифода намоянд. Аз ҷумла, дар бораи шумораи миёнаи кормандон; маблағи андозу пардохтҳо; вайронкунии қонунгузории андозҳо ва пардохтҳо, маблағи қарзҳо аз рӯи андозҳо, ҷаримаҳо, фоизҳо; маблағи даромад ва хароҷот аз рӯи ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) ва андозӣ. Маълумоти зикршуда дар сомонаи расмии Кумитаи андоз бо мақсади имконияти иловагии арзёбии хавфҳо ҳангоми интихоби контрагент, ҷойгир карда мешаванд.

Мақомоти андозро зарур аст, ки бо мақсади пешгирии сӯистифода аз манфиатҳои андозӣ ба фаъолияти андозсупоранда дар самти интихоби контрагентҳо диққати махсус дода, дар навбати аввал асоснокии гирифтани манфиати андозии андозсупорандаи назоратшавандаро баҳодиҳӣ намояд, на контрагенти онро.

Мақомоти андоз дар ҳолатҳои зарурӣ, агар барои шарҳдиҳии саволҳои бавуҷудомада дониши махсус дар соҳаҳои илм, техника, санъат ё ҳунар зарур бошад, барои иштирок дар гузаронидани амалҳои мушаххаскунии назорати андозӣ, метавонад мутобиқи муқаррароти моддаҳои 55 ва 56 Кодекси андоз эксперт ва мутахассиси соҳаи зарурӣро ҷалб намояд.

Ҳангоми таъин ва гузаронидани экспертиза, андозсупоранда тибқи қонунгузории андоз дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад: ба эксперт ва мутахассиси ҷалб карда шуда эътироз баён намояд; дар таъин намудани

эксперт иштирок намояд; ба эксперт саволҳои иловагӣ пешниҳод кунад; талаб намояд, ки ҳуқуқҳои ӯ фаҳмонда шавад; бо иҷозати шахси мансабдори мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани экспертиза ҳозир бошад ва ба эксперт тавзеҳот диҳад; бо хулосаи додаи эксперт ё хулосаи эксперт дар бораи имконнопазирии додани хулоса шинос шавад; аз руи хулосаи эксперт тавзеҳот диҳад; ба хулосаи эксперт эътироз баён кунад; ба эксперт саволҳои иловагӣ диҳад ва таъини экспертизаи иловагӣ ё такрориро дархост намояд.

Бо назардошти он, ки интихоби контрагент ҷабҳаҳои гуногун дорад, дар қонунгузорӣ критерияҳои муайянкунандаи он мушаххас пешбинӣ карда нашудааст. Бинобар ин номгӯи амалҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурие, ки дар мактуби мазкур омадааст, ниҳоӣ буда наметавонад.

Ғайр аз ин, ҳангоми баррасии баҳсҳои андозӣ дар бораи аз ҷониби андозсупорандагон беасос гирифтани манфиатҳои андозӣ аз ҳолатҳои воқеии вазъияти мушаххас ва далелҳои асоснок пешниҳоднамудаи тарафҳои баҳс, судҳо истифода менамоянд. Бинобар ин, номгӯи амалҳо ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандае, ки асоснокии аз ҷониби андозсупоранда дуруст интихоб намудани контрагентҳоро тасдиқ менамояд, вобаста ба ҳолатҳои алоҳида мушаххас баҳогузорӣ карда мешаванд.

Дар сурати ба миён омадани баҳс ҳангоми аз ҷониби мақомоти андоз бекор намудани хароҷотҳои бе ҳуҷҷат анҷомдодашуда, ки бо мақсадҳои андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ тарҳ карда шудаанд ва ё маблағи андоз аз арзиши иловашудаи баҳисобгирфташуда бекор шудааст, исбот намудани асоснокии онҳо ба зиммаи андозсупоранда вогузор карда мешавад. Ин асосноккунӣ аз ҷониби андозсупоранда тавассути пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хариди мол (кор, хизматрасонӣ) ва арзиши бозории он, маълумот оид ба амалиёти дигари шабеҳи ҳуҷҷатгузоришудаи худи андозсупоранда, гузаронидани экспертиза ва ба инҳо монанд, амалӣ карда мешавад.

Андозсупорандае, ки бо сабаби бекор намудани хароҷотҳои тарҳшаванда, маблағҳои қаблан баҳисобгирифтаи андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, зарари молиявӣ дидааст, ҳуқуқ дорад ситонидани чунин зарарро аз контрагенти худ ва ё аз шахсони гунаҳкор (субъекте, ки аз номи ӯ шартнома баста, андозсупорандаро ҳангоми иҷрои амалиёт гумроҳ намудааст, инчунин аз шахсоне, ки ин субъектро идора мекарданд ва онро барои ноил шудан ба ҳадафи ғайриқонунии саркашӣ аз пардохти андоз истифода кардааст) талаб намояд.

Раёсати андози андозсупорандагони калон, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе вазифадор карда мешаванд, ки муқаррароти мактуби мазкурро ба самъи кормандони мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон расонида, риоя ва иҷрои онро таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд.

Раис Н. Давлатзода